*Лоиҳа*

Тасдиқ мекунам,
Раиси Шӯро - Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Имзо*** Эмомалӣ Раҳмон

«30» декабри соли 2023

**ПРОТОКОЛИ № 3**
**ҷаласаи XXIII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ аз 28-уми ноябри соли 2023**

Дар ҷаласа аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони даъватшуда иштирок карданд (руйхат замима мегардад).

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Доир ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ.
2. Баррасии масъалаҳои рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди соҳибкории ҷавонон ва сармояи венчурӣ.
4. Пешниҳоди мавзӯи «Тақвияти раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон» ба баррасии ҷаласаҳои ояндаи Шӯро.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XXIII Шӯрои машваратиро оғоз намуда, нахуст аъзои нави Шӯроро муаррифӣ намуданд.

Пешвои Миллат, Раиси Шӯрои машваратӣ қайд карданд, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя тавассути беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

шумор рафта, яке аз омилҳои асосӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар пазируфта шудааст.

Зикр гардид, ки Шӯрои машваратии назди Президенти мамлакат оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, ҳамчун майдони муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади беҳтар кардани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ таъсис дода шуда, дар муддати фаъолияти он ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ислоҳоти фарогир амалӣ гардидааст.

Президенти мамлакат дар баробари густариши раванди рақамикунонии иқтисодиёт, масъалаҳои саноатикунонии босуръат, гуногунсамтиву рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунандаю ба содирот нигаронидашуда, рушди «иқтисоди сабз», истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсониро аз самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ хонда, саҳми муассири бахши хусусӣ ва сармоягузорони дохиливу хориҷиро дар расидан ба онҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд гардид, ки бо мақсади дастгирии соҳибкорон ва таъмини рушди устувори бахши хусусӣ Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ барои солҳои 2023 – 2027 қабул карда шуда, дар он вазифа ва тадбирҳои мушаххас вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоиди соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии бахши хусусӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани қобилият ва малакаи касбии соҳибкорон пешбинӣ шудааст.

Сипас вобаста ба масъалаи якуми рӯзнома гузориши котиби масъули Шӯро - Саъдӣ Қодирзода, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Асрори санг» Далер Шарифӣ ва роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Озан Севимли шунида шуд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки дар самти ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои рақамикунонии иқтисодиёт дар мамлакат қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони

ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул гардида, як қатор пешравиҳо дар соҳаҳои андозу гумрук, низоми бонкӣ, омор, савдо ва хизматрасонӣ, сайёҳӣ, инчунин самтҳои бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ зикр гардид.

Дар робита ба банди дуюми рӯзнома гузоришҳои раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Саъдӣ Қодирзода, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии «Шукрона» Наврӯзова Шукрона ва роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон Холгер Вифел манзур гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои соҳибкории занону бонувон лоиҳаи Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон барои давраи то соли 2027 таҳия гардида, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шудааст. Тавре қайд гардид, мақсади асосии барномаи мазкур рушди соҳибкории занон буда, он мукаммал намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, тағйир додани тамоюли "тахассусии" самтҳои соҳибкории занон бо воридшавии онҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии рушди гуногунсамтии фаъолияти соҳибкории занон, мусоидат ба устуворгардонии корхонаҳои мавҷудаи бонувони соҳибкор тавассути баланд бардоштани даромаднокӣ ва рақобатнокии онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ равона карда шудааст.

Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа раиси Раёсати Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноатию содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" Ҳокимшоҳ Бобозода ва роҳбари Намояндагии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Ленни Монтиел шунида шуд.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон буда, қисми зиёди аҳолии кишварро ҷавонон ташкил мекунанд. Аз ин лиҳоз масъалаҳои таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳибкории ҷавонон, дастрасии онҳо ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани донишу малакаи соҳибкорӣ миёни ҷавонон муҳим буда, бо мақсади боз ҳам мусоид намудани фазои соҳибкории ҷавонон таҳияи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои алоҳида оид ба рушди соҳибкории ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин қайд карда шуд, ки

сармояи венчурӣ ҳамчун манбаи маблағгузорӣ барои ширкатҳои хурди дорои технологияи баланд метавонад яке аз манбаъҳои маблағгузории соҳибкории ҷавонон истифода гардад.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа гузориши директори иҷроияи Шӯрои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон Наима Норматова шунида шуда, масъалаи тақвияти раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ба баррасии ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод гардид, ки аз ҷониби аъзои Шӯро дастгирӣ карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба масъалаҳои баррасигардида фикру андешаҳояшонро баён намуда, вобаста ба нуқтаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулин ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зерин доданд:

1. Ҳукумати мамлакат ҷиҳати қабул ва татбиқи Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

2. Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Маркази миллии тестӣ ҷиҳати ҳарчи бештар ҷалб намудани бонувон аз рӯйи ихтисосҳои идоракунии тиҷорат, маркетинг, менеҷмент, молия, бонкдорӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ чораҷӯйӣ намоянд.

3. Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар барномаҳои таълимӣ ба ташаккул ва рушди истеъдоди соҳибкории донишҷӯён, махсусан донишҷӯдухтарон аҳамияти хосса дода, таълимро бо дарназардошти ҳамчун соҳибкори тайёр барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсиси коргоҳу корхонаҳои гуногун омода намудани хатмкардагони ин муассисаҳо ба роҳ монанд.

4. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо роҳи ҳавасмандсозӣ ҷалб намудани шахсони соҳибтаҷриба ба омӯзонидани касбу ҳунарҳои

гуногун ба занону бонувон ва ҷавонон, бахусус дар деҳоти ҷумҳурӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

5. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, Кумитаи рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташкили шаҳрак ва маҳаллаю гузарҳои ҳунармандию сайёҳӣ, бунёди мавзеъҳои сайёҳию ҳунармандӣ бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ, фарҳанг ва хусусиятҳои ба минтақаҳо хос тадбирҳои зарурӣ андешанд.

6. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, Кумитаи рушди сайёҳӣ, Хадамоти гумрук ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иштироки ҳунармандон дар намоишгоҳ - фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ва ҳарчӣ бештар ба хориҷ аз ҷумҳурӣ баровардани маснуот ва армуғонҳои бо усули хоси миллӣ истеҳсолгардида, бахусус аз минтақаҳои дурдасти кӯҳистони мамлакат корҳои амалиро ба роҳ монанд.

7. Бонки миллӣ якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд корҳоро дар самти дастрасии занону бонувон ва ҷавонони соҳибкор ба қарзҳои арзон тақвият бахшанд.

8. Вазорати молия якҷо бо Кумитаи кор бо занон ва оила ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати зиёд кардани маблағгузории грантҳои президентӣ ва таъмини дастрасии бештари занон ба он, бахусус аз минтақаҳои дурдасти кӯҳистони мамлакат чораҷӯйӣ намоянд.

9. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯро якҷо бо Вазорати адлия аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузоронро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳанд ва натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намояд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила якҷо бо дигар ниҳодҳои дахлдор ҷиҳати тақвияти фаъолияти тамоми ниҳодҳои масъул (мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд) ва ҳамоҳангсозии кори онҳо дар самти соҳибкории занону бонувон чораҳои амалӣ андешанд.

11. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:

- якҷо бо Бонки миллӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар самти фаъолияти иқтисодию иҷтимоии ҷавонон ҷиҳати дастгирии молиявии ташаббусҳои ҷавонон дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, ба роҳ мондани машварати коршиносони соҳавӣ ва мубодилаи таҷрибаю иттилоот тадбирҳои иловагиро амалӣ намоянд;

- якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади муҳайё намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии сармоягузории венчурӣ, фондҳои венчурӣ, сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ, бастани шартномаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои стартап ва ҷанбаҳои пешрафти ин самтҳо, аз ҷумла пешниҳоди тағйиру иловаҳои зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва Қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» чораҷӯӣ намоянд;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор иҷрои муқаррароти санадҳои дар самти танзими самараноки муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қабулгардидаро таъмин намояд.

- якҷо бо дигар мақомоти дахлдор масъалаҳои амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо иштироки ҷавонон, бахусус дар самти татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди рақамикунонии соҳаҳо ва инфрасохтори онро баррасӣ ва оид ба татбиқи онҳо таклиф манзур намояд.

12. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта моделҳои муносиби рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро таҳия ва татбиқ намояд.

13. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш якҷо бо Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар заминаи таҳлил ва тавсияҳо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакатро оид ба рушди соҳибкории ҷавонон ва сармояи венчурӣ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намоянд.

14. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мониторинги

фаъолияти шӯроҳои соҳибкориву сармоягузории вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро ба роҳ монанд.

15. Вазорати нақлиёт, Агентии авиатсияи гражданӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор оид ба беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши чипта ва хизматрасониҳои фурудгоҳӣ чораҷӯйӣ намоянд.

16. Хадамоти алоқа ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳои интернетӣ ва баланд намудани суръати интернет дар кишвар, инчунин бо нархи дастрас пешниҳод намудани он чораҳои зарурӣ амалӣ намояд.

17. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ чиҳати зиёд кардани иштироки соҳибкорон, бахусус занону бонувон дар ҷаласаҳои Шӯро чораҷуйӣ намоянд.

18. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- ҷиҳати идома додани рақамикунонӣ равандҳои кории амалкунандаро мавриди омӯзиш қарор дода, барои пурра ташкил намудани заминаи моддию техникӣ, махзанҳои маълумот, омода кардани мутахассисони соҳавӣ, таъмини интернети босифат ва дар ин замина пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии муосир дар шакли электронӣ чораҷӯйӣ намоянд;

- ҷиҳати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида ва супоришҳои протоколии Шӯро таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуда, иҷрои пурра ва саривақтии онҳоро таъмин намоянд.

19. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо:

- ҷиҳати тақвияти иқтидори шӯроҳои соҳибкориву сармоягузории вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, таъмини фаъолияти самараноки шӯроҳои соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, ҳамкориро бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ таҳким бахшанд;

- механизмҳои самарабахши ҳамкориро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии соҳибкорони ҷавон барои ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонони соҳибкор роҳандозӣ намоянд.

20. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:

- фаъолияти худро дар амалисозии лоиҳаҳои самти рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», инноватсия, саноатикунонии босуръати мамлакат, таъмини шуғли пурмаҳсул ва меҳнати шоиста вусъат бахшанд;

- фаъолияти худро дар бахшҳои хизматрасонии молиявӣ, машваратҳо оид ба тиҷорат ва фаъолияти соҳибкорӣ, омӯзиш ва сарпарастии соҳибкории хурду миёна ва дигар хизматрасониҳо, ки аз ҷониби бонувон идора карда мешаванд, вусъат бахшанд;

- ҷиҳати тақвияти корҳо дар самти дастрасии занону бонувон ва ҷавонони соҳибкор ба қарзҳои арзон бо Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамкорӣ намоянд;

- дар амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо иштироки ҷавонон, бахусус дар самти татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, стартапҳо, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тиҷорати электронӣ ва паркҳои технологӣ, рушди инфрасохтори рақамикунонии соҳаҳо саҳми бештар гузоранд.

21. Ваколати собиқ роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Абдуғаффорзода Нуъмон бинобар ба вазифаи дигар гузаштанаш қатъкардашуда ҳисобида шавад.

22. Номзадии Юсуфзода Фаррух ба вазифаи роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маъқул дониста шавад.

Котиби масъули Шӯро,
Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **_Имзо_** С. Қодирзода

Роҳбари котиботи Шӯрои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба беҳтар намудани
фазои сармоягузорӣ **_Имзо_** Ф. Юсуфзода